# Тавсияҳо барои кор бо презентатсияи дарси мавзӯӣ оиди "Амнияти молиявии шахс дар Интернет"

Ҳадаф: фароҳам овардани имконият барои ташаккули тасаввуротҳои муҳимтарин дар байни муҳассилон оиди асосҳои амнияти молиявӣ.

Вазифаҳо:

- ташаккул додани эътиқоди таҳсилкунандагон ба он, ки саводнокии молиявӣ ва амнияти молиявии шахсӣ (оилавӣ) ва давлатӣ – асоси некӯаҳволии молиявӣ мебошанд;
- мусоидат ба ташаккули маълумотнокии кофӣ дар байни муҳассилон оид ба рафтори салоҳиятноки молиявӣ дар Интернет, аз худ кардани мафҳумҳои асосии молиявӣ, таҳияи алгоритми ҳалли ҳолатҳои душвори ҳаётӣ марбут ба хатари ҷабр дидан аз ихроҷи маълумоти шахсӣ ва ё беихтиёр аъзо шудан ба фаъолияти пирамидаҳои молиявӣ;
- ташаккул додани тасаввуроти умумии муҳассилон дар бораи хатарҳои молиявӣ дар шароити кунунии иқтисодӣ; дарки робитаи системавии байни амнияти молиявии шахсӣ ва амнияти молиявии давлатӣ; дарки хавфи содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи молия ба давлат ва шаҳрвандон.

Маводҳои пешниҳодшуда хусусияти машваратӣ доранд; омӯзгор бо назардошти хусусиятҳои гуногуни (синну сол, сатҳи дониш ва ғ.) хонандагон метавонад таркиби дарс ва миқдори иттилооту супоришҳоро тағйир диҳад.

| Тасвир<br>(слайд) | Эзоҳ барои омӯзгор |
|---|---|
| ТАСВИРИ 1<br><br><br>ТАСВИРИ 2 | Тибқи омори Агентии Миллии Тадқиқоти Молиявӣ (НАФИ), танҳо 10 % аҳолии Русия сатҳи мунтазами баланди саводнокии молиявиро нишон медиҳанд. Махсусан аз ҷиҳати молиявӣ саводноктарин дар Русия мардон ва занони аз 40 то 49 солаи дорои маълумоти олӣ ва инчунин сокинони шаҳрҳои калон мебошанд.<br>Ҳар як намояндаи дуюми ҷавонон (53 %) амин аст, ки оиди амнияти молиявӣ маълумоти кофӣ надорад: ба гуфтаи 48 % пурсидашудагон, онҳо дар ин соҳа маълумоти муайян доранд, аммо чунин миқдори маълумот барои муҳофизати онҳо аз қаллобӣ кофӣ нест. 5 %-и пурсидашудагон иқрор шуданд, ки дар бораи бехатарии молиявӣ умуман маълумот надоранд. Наврасони аз 14 то 17 сола бештар ба сатҳи дониши худ боварӣ надоранд (53%).<br>Амнияти молиявӣ – маҷмӯи тадбирҳо, усулҳо ва воситаҳои ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат дар макросатҳ ва сохторҳои корпоративӣ, фаъолияти молиявии субъектҳои соҳибкорӣ дар микросатҳ мебошад. Дар асоси таърифи дар боло зикр гардидаи ин мафҳум мо метавонем якчанд сатҳи амнияти молиявиро фарқ кунем:<br>• миллӣ, яъне амнияти молиявӣ дар сатҳи умумидавлатӣ;<br>• минтақавӣ – амнияти қисмҳои (воҳидҳои маъмурӣ) алоҳидаи давлат;<br>• корпоративӣ – амнияти молиявии ташкилот, мақомот ва ширкатҳои мухталиф;<br>• шахсӣ – амнияти молиявии шахси алоҳида, инфиродӣ. |




ТАСВИРИ 3




ТАСВИРИ 4




Амнияти молиявии шахсӣ – ин қобилияти иҷтимоию иқтисодии шахс барои ба даст овардани истиқлолияти молиявӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ ва маънавии худ, чӣ дар алоҳидагӣ ва чӣ дар дохили ҷомеа, инчунин нигоҳ доштани ин истиқлолият дар оянда ва тақвияти минбаъда бахшидан ба он мебошад. Ба ибораи дигар, амнияти молиявии шахсӣ маънои истиқлолият ва суботро дорад - аз ин рӯ донистани омилҳои дастрасӣ намудани он барои ҳар як фард муҳим аст.

Амнияти молиявии давлатӣ – мафҳуми васеътар аст. Вай вазъи соҳаи молиявию қарзиро ифода мекунад, ки дорои мувозинат ва муқовимат ба таъсири манфии дохилӣ ва берунӣ мебошад ва ба ин соҳа қобилияти таъмини фаъолияти босамари низоми иқтисодии миллӣ ва рушди иқтисодӣ хос аст. Дар амнияти молиявии миллӣ инчунин сатҳи ҳифзи манфиатҳои молиявӣ дар макро ва микросатҳи муносибатҳои молиявӣ инъикос мегардад. Достичь этого можно лишь обеспечив должный уровень финансовой безопасности личности и организаций. Комёб гардидан ба амнияти молиявии давлатӣ танҳо тавассути таъмини дараҷаи дурусти амнияти молиявии шахсӣ ва корпоративӣ имконпазир аст.

<u>Супориш</u>

Маълумотро дар тасвирҳои 2-4 таҳлил намоед ва ба саволҳои зер ҷавоб диҳед.

1. Маълумоти диаграммаи тасвири № 2-ро шарҳ диҳед. Дар асоси маълумоти пешниҳодшуда ба чӣ хулоса омадан мумкин аст?
2. Тасвири № 3-ро омӯзед. Амнияти молиявии шахсӣ чист? Оё амнияти молиявии шахсӣ бо миллӣ алоқаманд аст? Масъаларо мавриди муҳокима қарор диҳед.
3. Оё инсони муосир бояд амнияти молиявӣ ва саводнокии молиявиро омӯзад? Ҳадди ақал се сабабро номбар кунед, ки чаро саводнокии молиявӣ барои шумо муҳим аст
4. Дар асоси маълумоти тасвири 4 ба савол ҷавоб диҳед: ба фикри шумо қаллобӣ ва амнияти молиявӣ чӣ гуна алоқамандӣ доранд? Ҷавоби худро асоснок кунед.

ТАСВИРИ 5




ТАСВИРИ 6




ТАСВИРИ 7

Дар заминаи рақамикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти мо ҷавонон ба истифодабарандаи фаъоли хизматрасониҳои молиявӣ дар интернет табдил меёбанд. Ҳамин тариқ, ҳар сеюмин наврас аз усули пардохти ғайринақдӣ истифода менамояд ва ҳар дуюмин наврас ба воситаи смартфон харид мекунад. Сатҳи нисбатан баланди саводнокии рақамӣ ва мавҷудияти смартфон имкон медиҳад, ки наврасон аз бонкҳои мобилӣ ва интернетӣ истифода баранд (мутаносибан 56% ва 38%).

Сарфи назар аз он, ки пули нақд маъмултарин усули пардохт барои наврасон боқӣ мемонад (42%), қисми зиёди онҳо бидуни пули нақд (32%) харид мекунанд. Тақрибан нисфи наврасон (43%) бо истифода аз смартфонҳои худ бидуни тамос пардохтро амалӣ мегардонанд.

Дар байни ҷавонон як қатор ақидаҳои нодуруст оиди амнияти молиявӣ маъмуланд.

Пеш аз ҳама, ин дарки нодурусти эътимоднокии криптоасъор ҳамчун воситаи сармоягузорӣ аст: 65 % ҷавонон хатари баланди пули рақамиро дарк намекунанд ва боварӣ доранд, ки сармоягузорӣ ба он яке аз роҳҳои боэътимоди ҳифзи пул аз таваррум аст. Ин мавқеъ бештар ба сокинони ҷавони шаҳрҳои калон (49 %) ва пурсидашудагони аз 18 то 24 сола (46%) хос аст.

Қариб аз се ду ҳиссаи ҷавонон иштибоҳан боварӣ доранд, ки роҳҳои оддии зиёд кардани сармоя вуҷуд доранд (60 % пурсидашудагон бо ин розӣ ҳастанд). Надонистани таносуб байни хавфнокӣ ва даромаднокии воситаҳои молиявӣ барои ҷалби оммавии ҷавонон ба нақшаҳои гуногуни сармоягузорӣ, ки аксаран муқобили қонун ва дорои хатарҳои зиёд ҳастанд, замина фароҳам меорад.

Ҷавонон ҳангоми пардохти онлайн низ ба ҳифзи маълумоти шахсӣ беэътиноӣ содир менамоянд. Зиёда аз нисфи шаҳрвандони ҷавон (59 %) ҳангоми харид дар Интернет ба бехатарии маълумоти шахсии худ аҳамият намедиҳанд. Аксар вақт дар ин бора намояндагони ҷавонони баркамол (57 % чунин ашхос дар байни пурсидашудагон аз 25 то 35 сола мебошанд) изҳори назар мекунанд.

Дар ҷомеаи мо, ки дар марҳилаи муосири иттилоотӣ қарор дорад, иттилоот муҳимтарин сарват ва майдони иттилоотӣ макони асосии фаъолияти инсони муосир мебошад.

Дар маркази тамоми хидматҳои дастраси мо, хидматҳое, ки мо бо ёрии онҳо, аз ҷумла дороиҳои молиявии худро идора мекунем ва амалиёти молиявиро анҷом медиҳем, намудҳои гуногуни маълумот мебошанд, ки дар байни онҳо маълумоти шахсӣ мустақиман ба мо марбут ҳастанд.

Дар шабакаи интернет маълумоти шахсии бешумор оиди ҳар яки мо мавҷуд аст, ки ба истилоҳи «Профили рақамии шахс» – маҷмӯи тамоми осори мавҷудиятест, ки ҳар шахс дар ҷаҳони рақамӣ мегузорад, муайян карда мешавад. Бо мурури замон ин гуна изҳо бештар ва бештар мешаванд: дастгоҳҳои (гаҷетҳои) нав ҷорӣ карда мешаванд (масалан, соатҳои доно барои мониторинги саломатӣ), технологияҳои пайгирии ҳаракат ва муошират, идентификатсияи рақамии шахс.

Бо илова кардани маълумоти нав ба аксҳои аллакай шинос, гузарвожаҳо, таърихи ҷустуҷӯ дар браузери интернет, соҳаҳои таваҷҷӯҳ мо маҷмӯи пурраи хислатҳо ва хусусиятҳои инфиродии шахсро бо ягона фарқият муайян карда метавонем, ки он фарқият дар рақамӣ шудани онҳост. Таҳлили миқдори зиёди маълумот дар бораи шахс (ё таҳлили шахсияти рақамӣ) имкон медиҳад, ки сатҳи зеҳнӣ, салоҳиятҳо, қобилиятҳо ва дурнамои ӯ баҳо дода шавад.

Сарфи назар аз он, ки технологияҳои рақамӣ ҳаёти моро аз бисёр ҷиҳат содда мекунанд, онҳо инчунин таҳдидҳои зиёдеро ба вуҷуд меоранд. Ҷамъоварии беназорати маълумот дар бораи шахс барои ӯ як




ТАСВИРИ 8




қатор хатарҳоро ба вуҷуд меорад - аз зангҳои спами безарар, вале озурдакунанда то дасткорӣ ба афкор, шуур, дуздии "шахсияти рақамӣ" ва пули ӯ.

"Маълумоти шахсӣ" чист?

Маълумоти шахсӣ ҳама гуна иттилоотест, ки мустақиман ё ғайримустақим ба шахси воқеӣ ё мушаххасшаванда (субъекти маълумоти шахсӣ) алоқа дорад, яъне ҳама гуна маълумоте мебошад, ки мустақиман ё бавосита ба шумо ишора мекунад ё бо ягон тарз ба шумо алоқаманд аст.

Якчанд намуди маълумоти шахсӣ вуҷуд дорад:

а) умумӣ – насаб, ном, номи падар, маълумотҳои шиноснома, сана ва ҷойи таваллуд, суроғаи бақайдгирӣ ва ҷойи истиқомат;

б) категорияҳои махсуси маълумоти шахсӣ, ки аз миллат, ақидаҳо ва эътиқодҳои сиёсӣ, динӣ ё фалсафӣ, маълумот дар бораи вазъи саломатӣ, ҳаёти интимӣ, доғи судӣ иборатанд;

в) маълумоти шахсии дастраси оммавӣ, ки аз ҷониби шахс барои паҳн кардан иҷозат дода шудааст (маълумоте, ки мо ба шумораи номаҳдуди одамон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ пешниҳод мекунем);

в) маълумоти шахсии биометрӣ - изи ангуштҳо, шакли мардумаки чашм, нақши ангуштони даст, рамзи ДНК, овоз;

г) ғайрихусусишуда – маълумоте, ки ба воситаи он шахсиятро бидуни маълумоти иловагӣ муайян кардан ғайриимкон аст (ҷадвали бо арзишҳои идентификаторӣ).

<u>Супориш:</u>

1. Тасвирихои 6 ва 7-ро омӯзед ва ба саволҳо посух диҳед. Маълумоти диаграммаро шарҳ диҳед. Аз маълумоти пешниҳодшуда чӣ гуна хулоса баровардан мумкин аст? Оё шумо фикр мекунед, ки шумо барои ҳифзи маълумоти шахсии худ дар Интернет дониш ва малакаҳои кофӣ доред?
2. Рахнаи маълумоти шахсӣ чи гуна хатарҳоро ба миён меорад?
3. Тасвири № 8. Ба фикри шумо, намудҳои дар боло зикргардидаи маълумоти шахсӣ чӣ маъно доранд?
4. Барои ҳар як намуди маълумоти шахсӣ мисолҳо оред.
5. Фикр кунед, ки чӣ гуна амнияти молиявии шахсии шумо бо амнияти маълумоти шахсии шумо дар Интернет алоқаманд аст?

I. Профили рақамии шахсӣ ва маълумоти биометрии шахсӣ

Алгоритмҳо имрӯз дар бораи шахс бештар аз волидайни онҳо медонанд ва дар ихтиёри алгоритмҳо на танҳо маълумот дар бораи ягон чизи муайян, балки як табақаи васеи маълумоте мебошад, ки имкони офаридани ҳар кадом шахсиятро фароҳам меоварад, ки онро ба одами зинда бо ягона фарқият қиёс кардан мумкин аст. Чунин фарқият ин дар ҷаҳони рақами вуҷуд доштан чунин шахсият аст.

Мафҳуми шахсияти рақамӣ дар ҳаёти ҳаррӯза устувор қарор дорад ва мо аллакай онро аз мафҳуми «профил» дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷудо мекунем. Агар мафҳуми якум бештар дар олами илм, дар тадқиқотҳо истифода шавад, пас қариб ҳар як нафар аллакай бо мафҳуми дуюм сару кор доранд. Дар ин равия масъалаҳои амнияти молиявии шахси рақамӣ бояд баррасӣ карда шаванд.

Дуздии шахсияти рақамӣ чӣ гуна сурат мегирад?

ТАСВИРИ 9




ТАСВИРИ 10




Пас аз интиқоли бисёр соҳаҳои фаъолияти инсон ба Интернет, шахсияти рақамӣ низ нарх пайдо кард. Он ба мол табдил ёфт, ки хусусият, арзиш ва нархи худро дорад. Ва ин на танҳо дар бораи ба даст овардани гузарвожа (парол) ё ҳуқуқи дастрасӣ аст.
Дар маркази маркетинги муосир таҳлили рақамии шахсият аст. Онҳо омодаанд барои маълумот дар бораи афзалиятҳо, тарзи зиндагӣ ва ниёзҳои шахс пардохт кунанд. Ғайр аз он қобилияти маълумот ба даст овардани ширкатҳо ба омодагӣ ба сармоягузории онҳо барои иҷрои ин мақсад вобаста аст. Ба ҳамин услуб кори каналҳои оқилона, пешниҳодии эълонҳои дақиқ дар сомонаҳои интернет сурат мегирад ва ин барои касе тааҷҷубовар нест, аммо мо инчунин намедонем, ки ин таҳлил то куҷо паҳн мешавад.
На танҳо наврасон, ҳатто калонсолон наметавонанд розигии огоҳонаи худро ба чизе, ки онҳо пурра намефаҳманд, изҳор намоянд, дар ҳоле ки шахси рақамӣ метавонад ба осонӣ объекти амалҳои ғайриқонунӣ гардад. Дар воқеияти муосир падидаҳое ба монанди рабудани шахсияти рақамӣ аллакай мавҷуданд. Агар ширкат бо идоракунии молиявии шаҳрвандон ва корхонаҳо машғул бошад, саволҳо дар бораи он, ки ширкат бо чунин маълумот дар бораи дороиҳои молиявии одамон, ҳадафҳои сармоягузории онҳо ва омодагии онҳо ба таваккал ва ғайра чӣ кор мекунад, нигаронӣ ба вуҷуд меоварад.
Ғорати шахсияти рақамӣ - аксҳо, видеоҳо аз саҳифаҳои шумо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳисобҳо ва профилҳо, маълумотҳои шиноснома ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳо, селфи бо ҳуҷҷатҳо, аксҳои кортҳои бонкӣ - метавонанд бо мақсадҳои гуногун содир карда шаванд: аз фурӯши ғайриқонунии иттилоот то шантаж, истифода дар нақшаҳои қаллобӣ. Мисоли соддатарин ин истифодаи рақамҳои телефон, номҳо, маълумоти шахсӣ ва овозҳо барои фиреб ва қаллобӣ мебошад.
Агар шумо фикр кунед, ки дуздии шахсияти рақамӣ як падидаи шабеҳ ба сенарияи филми фантастикӣ дар бораи оянда аст: дар аввали соли 2019 маълумот оиди заминаи тиҷоратии Genesis, ки тавассути он зиёда аз 60 ҳазор шахсияти рақамии дуздидашуда фурӯхта шудааст ва инчунин дар бораи браузери махсус бо генератори пайгирии рақамӣ, ошкор шуд.
Албатта, ҳатто он муштариёне, ки маълумоти муҳимро ба тарзи оммавӣ нашр намекунанд, инчунин метавонанд қурбони қаллобон гарданд. Ҳар як кӯдаки даҳум бо истифода аз вебсайтҳо/почтаҳои электронии қалбакӣ фиреб дода шудааст. Масалан, онҳо ба саҳифаҳои қалбакии хариди интернетӣ ворид мешаванд, ки онҳоро бо тахфифҳо ва пешниҳодҳои муфид ба худ ҷалб мекунанд ё ба таблиғи имконияти зуд ба даст овардани маблағ меафтанд, вале ҳадафи чунин таблиғҳо, баръакс, фирефтани муштариён ва рабудани пули онҳост.
Ҳар шахс метавонад қурбони ихроҷи маълумот гардад, вақте ки маълумоти шахсии анкетаву профилҳо бо сабаби осебпазирии техникӣ ё амалҳои зараровар дар шабакаи интернет қобили дастрасии бемонеъ мегарданд. Шумо метавонед бо кӯмаки сайти махсус, ки ҳолатҳои ихроҷи маълумотро ҷамъоварӣ мекунад, тафтиш кунед, ки оё чунин маълумот ба махзанҳои кушодаи маълумот дохил карда шудааст ё на.
Чаро шахсияти рақамиро медузданд?
Дастрасӣ ба ҳисоби шахси дигар имкониятҳои васеъро мекушояд. Шумо метавонед мукотибаи шахси дигарро хонед ва онро аз номи соҳиби он анҷом диҳед, шумо метавонед фаъолияти соҳиби ҳисобро

| | |
|---|---|
| | назорат кунед, маълумоти махфӣ ҷӯед, аз номи ӯ иттилоот нашр кунед, интиқоли пул талаб кунед, спамро паҳн кунед, онро барои эълони гурӯҳҳои таблиғотӣ истифода баред. Ҳамаи инҳо таҳдидҳое мебошанд, ки бо сабаби аз даст додани маълумоти шахсӣ, ки шахсияти рақамии шахси мушаххасро ташкил медиҳад, ба миён меоянд.<br>1. Қаллобӣ. Зери ниқоби афроде, ки мо медонем, қаллобон бо эҷод кардани аккаунтҳои қалбакӣ моро маҷбур мекунанд ва бовар мекунонанд, ки ба сомонаҳои ношинос равем, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки ба пулҳои мо дастрасӣ пайдо кунанд.<br>2. Гирифтани бонусҳо ва истифода аз хидматҳо ба тариқи паспардохт. Баъзе аз мо бо таблиғҳои ширкатҳои букмекерӣ, сомонаҳои форекс, утоқҳои покери онлайн ва дигар сомонаҳо дучор омадаем, ки ба муштариёни нав таклифи ройгон кушодани суратҳисоби пулӣ менамоянд, ки маблағи дар он ҷойгирбуда аз тарафи сомона ба тарзи тӯҳфа дода мешавад ва муштари метавонад бо чунин маблағ барои хидматҳо истифодабурда пардохт намояд. Маълумоти дуздидашуда аз ҷониби ҳамлакунанда барои сохтани чунин суратҳисоб бо мақсади гирифтани маблағ истифода мешавад. Дар ҳолате ки ҷабрдида дар оянда иқдоми истифода бурдан аз чунин пешниҳод надорад, дуздии содиршуда ба қадри кофӣ безарар. Лекин оқибатҳои чунин амал дар ҳолати сабт намудани суратҳисоб ба номи шумо ва истифода бурдан аз хизматҳои сомона бо тариқи паспардохт метавонанд хеле зараровар бошанд, вақте ки қаллоб баъди аз номи шумо истифода бурдан аз хизматҳо ғоиб мегардад. Дар ин ҳолат аз номи шумо қаллобӣ содир карда мешавад ва расман чунин рафтор аз тарафи шумо содир карда шудааст.<br>3. Бақайдгирии аккаунтҳо (ҳисобҳо). Аксҳои одамон барои эҷод кардани спам аккаунтҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд, ки басомади ҳамлаҳои муваффақро зиёд мекунад. Аксар вақт ҳамлагарон маълумоти ба даст овардаро тағйир намедиҳанд ва аз маълумоти воқеии ҷабрдида, аз ҷумла ном ва насаб, истифода мебаранд. Дар шабакаи интернет шумо метавонед пешниҳодҳо оиди фурӯши аккаунтҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои гуногунро пайдо кунед. Барои бақайдгирии чунин аккаунтҳо ҳамлагарон инчунин маълумоти дуздидашударо истифода мебаранд, баъзан чунин ҳисобҳо дар натиҷаи фишинг ё ихроҷи маълумот ҷамъ карда мешаванд.<br>4. Гирифтани қарз. Имрӯз, дар шароити рақобати шадид, ширкатҳои қарзии онлайн сатҳи талаботро барои қарзгирандагон паст карда, тартиби гирифтани маблағи камро содда мекунанд. Хароҷоти ширкатҳо аз чунин таваккалҳо аз ҳисоби фоизи баланди қарзҳо, ки баъзан дар як сол ба ҳазорҳо фоиз мерасад ва шартҳои вазнину тоқатнопазири шартномаи қарзӣ бароварда мешавад, ки барои ҳар таъхири пардохт ҷаримаҳои вазнин пешбинӣ мекунад. Кам шудани тафтишотҳо ва санҷиши маълумоти пешниҳодшуда аз тарафи чунин ширкатҳо қарзҳои онлайнро ба як луқмаи болаззат барои қаллобон, ки бо маълумоти дуздидашуда қарз мегиранд, табдил додааст. Дар баъзе ҳолатҳо ба қаллобон танҳо нусхаҳои электронии ду ҳуҷҷати ҷабрдида, масалан, шиноснома ва шаҳодатномаи ронандагӣ лозим аст. Шумо метавонед эълони кор эҷод кунед, то онҳоро ба даст оред ва аз корҷӯёни эҳтимолӣ пас аз "қабул" барои кор нусхаи ҳуҷҷатҳоро пурсед. Фиребгарон роҳҳои зиёде барои гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳо ва қарз гирифтанро медонанд. Инчунин накшаҳои мураккабтари қаллобӣ дар гирифтани қарзҳо бидуни огоҳии соҳиби он вуҷуд доранд. Дар яке аз |

| | |
|---|---|
| | форумҳои интернетӣ пешниҳоди фурӯши чиптаҳои ҳавопаймо ба 50 % арзиши аслии онҳо пайдо шуд. Соҳиби хадамот, ки ин хидматро пешниҳод кардааст, итминон дод, ки ҳеҷ гуна қаллобӣ вуҷуд надорад, чиптаҳои ҳавопаймо бо пули дуздидашуда харидорӣ нашудаанд. Дар аввал муштариёни форум ба пешниҳоди ҷолиб бовар надоштанд, пас баррасиҳои мусбӣ ба ҷалби бештари муштариён сабаб гардид. Мизоҷон ҳама маълумотро ба ҳамлагар фиристоданд, аз ҷумла нусхаҳои ҳуҷҷатҳоро. Ҳеҷ яке аз муштариён дар парвоз мушкилот надоштанд. Мушкилот дертар ба миён омад, вақте ки бонке, ки дар он ин чиптаҳо бо қарз дода шуда буданд, талаби баргардонидани маблағи чиптаҳои ҳавопаймо, фоиз ва ҷаримаҳои бузург барои таъхири пардохтро оғоз карданд. Дар натиҷа зарардидагон 200—300 фоизи арзиши аслии билетҳои харидашударо супурданд.<br>5. Интиқом ва коҳиши обрӯ. Дар шабакаи интернет шумо метавонед ҳикояҳои зиёдеро пайдо кунед, ки чӣ гуна бадхоҳоне, ки мехоҳанд аз касе қасос гиранд, акс ва саҳифаҳои сохтаи чунин ашхосро дар сомонаҳои мухталифи шубҳанок ба намоиш мегузоранд. Мушкилоти асосӣ дар он аст, ки ҳатто агар сомона акс ва саҳифаву анкетаи ҷабрдидагонро нест кунад, то он муддат акс ва маълумотҳо дар дигар сомонаҳое, ки маълумотро нусхабардорӣ мекунанд, ҷой гирифтаанд. Хориҷ кардани маълумот аз ҳама сомонаҳо ва муҳаррикҳои ҷустуҷӯӣ аксар вақт як кори қариб ғайриимкон мегардад, хусусан агар ҷабрдида барои ин маблағи кофӣ надошта бошад. Агар шумо шахси вобаста аз обрӯ ва ном бошед, бадгӯён метавонанд ба обрӯи шумо коҳиш расонанд. Масалан, аз номи шумо дар бораи маҳсулотҳои танҳо аз тарафи калонсолон истифода мешуда баррасӣ фиристанд. Ҳар касе, ки дар оянда маълумот дар бораи шумо ҷустуҷӯ мекунад, хоҳ чунин афрод корфармо ё шарикони эҳтимолӣ бошанд, ба баррасиҳои шабеҳе дучор мешаванд, ки шуморо аз тарафи мусбӣ муаррифӣ намесозанд.<br><u>Супориш:</u><br>1. Тасвири № 9. Ҳадди ақал се мисоли иттилоот - унсурҳои "шахсияти рақамӣ" -ро, ки шумо дар Интернет ба таври оммавӣ интишор мекунед, биёред.<br>2. Маълумотро дар тасвири № 10 омӯзед. Дар бораи роҳҳои нодуруст истифода бурдани шахсияти рақамии шумо, ки дар тасвир номбар нашудааст, фикр кунед ва номбар кунед. |
| ТАСВИРИ 11 | Дар сурати ихроҷ чӣ бояд кард?<br>Дар ҳолате, ки маълумоти шахсии шумо ба шабакаи интернет ворид гардида, дар як ё якчанд сомонаҳо ҷойгир карда шуда бошанд, чораҳои зерин метавонанд самаранок бошанд.<br>1. Муроҷиат ба молики сайт. Усули соддатарин ва аксар вақт самараноктарин аст, агар маълумоти шахсии шумо дар як ё якчанд сомонаҳо паҳн карда шуда бошанд. Боадабона, бидуни таҳдид, аз соҳиби сайт хоҳиш кунед, ки ба шумо кӯмак кунад. Агар муомилаи хуш ёрӣ надиҳад, молики сомонаро огоҳ намоед, ки шумо маҷбур хоҳед шуд, ки ба суд ва дигар мақомотҳои танзимкунанда бо мақсади ҳифзи маълумоти шахсии худ муроҷиат кунед.<br>2. Муроҷиат ба мақомоти танзимкунанда. Ба хадамоти алоқа ва иртибот муроҷиат кунед, ки сомонаи мазкур маълумоти шахсиро бе иҷозати шумо паҳн мекунад ва қонунҳои давлатиро вайрон месозад. Боварӣ ҳосил кунед, ки истинодро ба маълумоти интишоршуда дар муроҷиат ишора кардаед. Ҳадди ниҳоие, ки ба он мақомоти танзимкунанда қодир аст, ба ҷарима кашидани молики сомона аст, агар ӯ муайян карда шуда бошад ва дар як салоҳияти ҳуқуқӣ бо худи ин ниҳод қарор дошта бошад ё бастани |




ТАСВИРИ 12




сомона дар қаламрави кишвар аст. Барои бисёре аз соҳибони сомонаҳо масдуд кардан дар қаламрави як кишвари мушаххас талафоти ҷиддии муштариён аст ва онҳо дарҳол иттилоотеро, ки боиси басташавӣ шудааст, хориҷ мекунанд.

3. Шикоят ба провайдери хостинг ва бақайдгиранда. Провайдери хостинг ташкилотест, ки сомонаро бо сервер барои хостинг таъмин менамояд, бақайдгиранда ташкилотест, ки соҳиби сайт номи доменро ба қайд гирифтааст. Шумо бояд ба вебсайтҳои бақайдгиранда ва провайдери хостинг рӯ оваред ва дар он ҷо рақамҳо ё суроғаи почтаи электронӣ барои тамос ва фиристодани шикоятро пайдо кунед, онҳо одатан калимаи "суиистифода" («abuse») доранд.

4. Муроҷиат ба мубоиризони зидди фиребгарон. Агар сомона қаллобӣ бошад (масалан, он ҳуҷҷатҳоро мефурӯшад ё маълумоти шахсии шумо дар он ҷо бо мақсади тамаъҷӯӣ ҷойгир карда шудааст), шумо бояд ташкилотҳоеро, ки бо мубориза бо чунин сомонаҳо ё ташкил додани номгӯи чунин сомонаҳои хатарнок машғуланд, огоҳ намоед.

5. Муроҷиат ба суд. Агар муроҷиат ба соҳиби сайт, провайдери хостинг ва бақайдгиранда натиҷаи мусбӣ надиҳад, шумо бояд ҳуқуқшинос пайдо кунед ва оиди ба суд муроҷиат намудан мулоҳиза намоед. Додгоҳ метавонад қарор кунад, ки саҳифаи дорои маълумоти шахсӣ дар кишвари шумо баста мешавад ва инчунин муҳаррикони ҷустуҷӯиро вазифадор мекунад, ки маълумоти шахсии шуморо аз интишор хориҷ кунанд. Бо вуҷуди ин, имконияҳои суд аз қонунгузории кишвари шумо вобастагии зиёд дорад, ба ҳамин сабаб мувофиқи мақсад аст, ки бо ҳуқуқшинос оид ба ин масъала машварат кунед. Аксар вақт, соҳибони сомонаҳо барои бартараф кардани маҳдудиятҳо саҳифаҳои бо қарори суд басташударо нобуд мекунанд.

6. Муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Дар бисёр кишварҳо паҳн ё фурӯши маълумоти шахсӣ ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ мебошад. Дар бораи сомонае, ки қонунро вайрон мекунад, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро хабардор намудан лозим аст. Хушбахтона, имрӯз барои иҷрои чунин иқдом ба шӯъбаи наздиктарин рафтан, навбат истодан ва ариза навиштан шарт нест, ҳамаи инро метавон онлайн анҷом дод.

7. Тағйир додани ҳуҷҷатҳо. Агар шумо дар ҳаросед, ки нусхаи ҳуҷҷати шумо, ки дар сомона ҷойгир карда шудааст, метавонад бо мақсади қаллобӣ истифода бурда шавад, масалан, барои гирифтани қарз, муроҷиат кардан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва танзимкунанда барои тағйир додани рақами ҳуҷҷат қарори оқилона хоҳад буд. Чунин имконият дар ҳамаи кишварҳо вуҷуд надорад, беҳтар аст бо ҳуқуқшинос тамос гиред, то тафсилотро аниқ кунед.

<u>Супориш:</u>

1. Ҳолати дар тасвири №11 инъикосшударо омӯзед.
2. Тахмин кунед, ки чӣ гуна «ҷузъиёти ҳаёти оилавии» депутат Ш.Ш. Сатторовро дар баробари нашр намудани шарҳу баррасӣ ба маҳсулотҳо паҳн кардан мумкин буд.
3. Дар асоси маводи Ёддошт дар бораи рафъи оқибатҳои ихроҷи маълумот (ниг. ба Замимаи № 4 ба Тавсияҳои методӣ) ва намунаи муроҷиати дар тасвири № 12 мавҷудбуда муроҷиати фарзиявии шаҳрванд Ш.Ш. Сатторовро ба моликони сомона бо дархости нест кардани маълумоти шахсии ғайриқонунӣ ҷойгиршуда тартиб диҳед

ТАСВИРИ 13




Чӣ тавр дуздии шахсияти рақамиро пешгирӣ бояд намуд?
Барои ҳифзи маълумоти худ шумо бояд қоидаҳои асосии гигиенаи рақамиро риоя кунед:

• дар шабакаи интернет маълумоти аз ҳад зиёдро оиди худ баррасӣ нанамоед;
• гузарвожаҳои (паролҳои) мураккаб ва гуногун эҷод кунед, беҳтараш барои эҷод ва нигоҳ доштани гузарвожаҳо аз муҳаррики паролэҷодкунанда истифода баред;
• то ҳадди имкон аутентификатсияи дуомиларо барои ворид шудан ба ҳисоби худ насб кунед;
• ҳуҷҷатҳои махфӣ ва аксҳои хусусиро дар шакли кушод дар дастгоҳҳо – смартфонҳо, планшетҳо, компютерҳо нигоҳ надоред;
• барномаҳои таъмини бехатариро дар ҳама дастгоҳҳо сабт ва ҷорӣ намоед ва онҳоро мунтазам нав кунед; муҳим он аст, ки он на танҳо антивирус, балки як ҳалли ҳамаҷониба барои муҳофизат аз фишинг, қаллобии онлайн, назорат дар шабакаи интернет бо функсияи таъмини бехатарии пардохт бошад;
• барномаҳоро танҳо аз мағозаҳои расмӣ насб кунед ва бодиққат тафтиш намоед, ки шумо ба онҳо чӣ гуна имкониятҳоро дастрас кардаед;
• ба истинодҳои шубҳанок пайравӣ накунед, пешниҳоди ҷолибро бидуни тафтиши кофӣ ҳамчун даъват ба амал қабул накунед;
• аз зангҳои аз тарафи шумораҳои ношинос, паёмҳои ирсолкунандагони номаълум, ҳама гуна дархостҳо оид ба интиқоли маблағ эҳтиёт шавед;
• барои мубодилаи иттилоот аз хизматрасонии воситаҳои электроние истифода баред, ки имконияти нобуд кардани маълумот аз қабулкунандаро дошта бошанд: масалан Gmail чунин функсияҳоро дорад;
• барои таъмини бехатарии маълумоти шахсӣ дар сурати рахна шудани почтаи электорнии шумо ҳама вақт мактубҳои дорои маълумоти шахсии худро аз паёмдони почтаи электронии худ ва хотираи баронмаҳои паёмнависии иҷтимоӣ тоза кунед, хусусан агар шумо аксҳои ҳуҷҷатҳои худро ба касе фиристода бошед;
• ҳангоми фиристодани мактуб бо ҳуҷҷатҳо тавассути почтаи электронӣ ё паёмнависӣ аз қабулкунанда хоҳиш намоед, ки ба маълумоти шахсии шумо эҳтиромона муносибат намояд;
• нусхаҳои ҳуҷҷатҳоро бо калимаҳои калидӣ ном набаред: дар баъзе шабакаҳои иҷтимоӣ ҳуҷҷатҳои аз ҷониби корбарон боршуда дастраси омма мебошанд, аз ин рӯ, беҳтар аст, ки ҳама гуна ҳуҷҷатҳои арзишманд, новобаста аз он ки онҳо чӣ гуна интиқол ва нигоҳ дошта мешаванд, бо унвонҳои бетараф, масалан , "pic15" ё "image1988"» номгузорӣ карда шуда бошанд;
• шабакаҳои иҷтимоиро барои авторизатсия дар сомонаҳо истифода набаред, зеро ки дар чунин ҳолат одатан шумо ба сомона дастрасӣ ба маълумоти шахсии худро медиҳед, ки онҳо аз тарафи сомона ҷамъоварӣ карда мешаванд, баъдан чунин маълумот баъзан аз ҷониби сомона фурӯхта мешаванд, баъзан маълумот аз ҷониби ҳамлагарон дуздида мешавад;
• ҳама аккаунтҳои истифоданашавандаро нобуд созед: ихроҷи маълумот аз вебсайтҳо яке аз роҳҳои маъмултарини дуздии шахсият мебошад;
• ҳангоми фиристодани нусхаҳои ҳуҷҷатҳои худ дар онҳо маълумотро оиди сана ва шахсияти қабулкунандаи ҳуҷчатҳо ва ё ин ки оиди сомонае, ки ба он ҳуҷчатҳо фиристода шуда истодаанд, бо

| | |
|---|---|
| | истифода аз аломати обӣ ё коғази ба акси ҳуҷҷатҳо замимашуда, ҷойгир намоед. Дар ҳолати ба дасти қаллобон афтодани ҳуҷҷатҳо онҳо наметавонанд аз чунин ҳуҷҷатҳо дар сомонаҳои дигар истифода баранд ва ба эҳтимоли зиёд ҳамчун маҳсулоти ноқис чунин нусхаҳо ғайри қобили истифода хоҳанд буд.<br>Риояи ин қоидаҳо ҳадди ақалл дастрасии як қисми муҳими маълумоти шахсии шуморо ба дасти қаллобон мушкилтар мекунад ва ба пастшавии хатари аз даст додани пул, обрӯ ва вақт мусоидат менамояд.<br>Агар худи муштариён ва истифодабарандагони барномаҳои иттилоотӣ ва шабакаи интернет ба маълумоте, ки оиди худашон огоҳона ё ба таври худкор пешниҳод мекунанд, таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намоянд, рабуда шудани шахсияти рақамӣ он қадар оддӣ нахоҳад буд.<br><u>Супориш:</u><br>1. Изучите правила цифровой гигиены, представленные на слайде №13 / в Памятке с правилами цифровой гигиены (см. Приложение №5 к Методическим рекомендациям). Обсудите в классе, какие из этих правил вы соблюдаете регулярно, а о каких впервые слышите.<br><br>Қоидаҳои гигиенаи рақамиро, ки дар тасвири № 13 ва дар Ёддошт (ниг. Замимаи № 5 ба Дастур), оварда шудаанд, таҳлил намоед. Дар синф муҳокима кунед, ки кадоме аз ин қоидаҳоро шумо мунтазам риоя мекунед ва оиди кадом қоидаҳо шумо бори аввал мешунавед. |
| ТАСВИРИ 14 | Бахши амнияти IBM дар аввали соли 2018 як назарсанҷии умумиҷаҳонӣ оид ба андешаи истеъмолкунандагон дар бораи шахсияти рақамӣ ва аутентификатсияро нашр кард. Тақрибан 4000 калонсолон дар Иёлоти Муттаҳида, минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором ва Аврупо дар таҳқиқоти амнияти IBM "Ояндаи системаҳои идентификатсионӣ" ширкат карданд. Тибқи натиҷаҳои он ҳангоми ворид шудан ба барномаҳо ва дастгоҳҳо муштариён нисбат ба осонӣ ва бароҳатии истифодабарӣ бештар ба сатҳи амнияти барномаҳо аҳамият медиҳанд. Ғайр аз ин тибқи пажӯҳиш ҷавонон ба амнияти мушаххаскунии шахсият тариқи гузарвожа камтар аҳамият медиҳанд. Барои ворид шудан ба суратҳисобу саҳифаҳои худ онҳо бештар истифодабарии биометрия, аутентификатсияи бисёрфакторӣ ва диспетчери гузарвожаҳоро (паролҳо) афзал медонанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи амнияти иттилоотии онҳо мусоидат мекунад.<br>Биометрия ба “мейнстрим” (маҷрои асосӣ) табдил ёфтааст ва 67 % пурсидашудагон аз аутентификатсияи биометрӣ бомуваффақият истифода мебаранд, дар ҳоле ки 87 % пурсидашудагон гуфтаанд, ки дар оянда усули биометриро истифода хоҳанд бурд.<br>Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки истифодаи гузарвожаҳо аз тарафи наврасон ва ҷавонон ба падидае мубаддал мегардад, ки дар гузашта мондааст: 75 % пурсидашудагон аллакай аз идентификатсияи биометрӣ истифода мебаранд. Дар ҳамин ҳол камтар аз нисфи онҳо барои ворид шудан аз гузарвожаҳои мураккаб истифода мекунанд ва 41 % гузарвожаҳои худро дубора истифода менамоянд. Одамони солхӯрда ба эҷоди гузарвожаи қавӣ таваҷҷӯҳи бештар медиҳанд, аммо аз биометрия ва аутентификатсияи бисёрфакторӣ камтар истифода мебаранд.<br>Дар пасманзари паҳншавии босуръати истифодаи биометрия ҳамчун роҳи шинохти (идентификатсияи) шахс бо мақсадҳои гуногун – масалан, барои мушаххаскунӣ дар системаҳои |




ТАСВИРИ 15




назорати дастрасии идораҳо, дар системаҳои компютерӣ, смартфонҳо, хизматрасониҳои пардохтӣ; муайян намудани истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ - масъалаи таъмини ҳифзи ин намуди маълумоти шахсӣ махсусан муҳим мегардад.

Маълумоти биометрӣ барои ҳар як шахс беназир аст, онҳо такрор намешаванд ва дар давоми ҳаёт тағир намеёбанд.

Ба маълумоти шахсии биометрӣ чунин усулҳо тааллуқ доранд: изи ангуштон; шакли хатҳои кафи даст; шакли мардумаки чашм; рамзи ДНК; тасвири чеҳра; овоз; қад ва вазн; хусусиятҳои сохтори бадан; тасвирҳои шахс (аксҳо, видеоҳо); дигар хусусиятҳои физиологию биологии одам (масалан, тарзи роҳгардӣ).

Таҳдиди сӯиистифода аз маълумоти шахсии биометрӣ ва роҳҳои муҳофизат аз онҳо

1) Дипфейкҳо - ивазкунии воқеии аксҳо, аудио ва видео бо истифода аз шабакаҳои нейронӣ. Бо истифода аз алгоритмҳои компютерӣ шумо метавонед аксҳоро "эҳё кунед", чеҳраҳоро дар видеоҳо иваз кунед ва ҳатто овози шахсро офаред.

Бо сабаби мавҷудияти имконияти омӯзиши кор бо ин технология ва сершумории чунин барномаҳо қариб ҳар як нафар қобил аст дипфейк эҷод намояд. Ин намуд дастрасӣ ба пешравӣ ва тараққиёту густариши чунин технологияҳо мусоидат менамояд, аммо инчунин шумораи воситаҳои фиреб додани муштариён ва дуздидани маълумоти шахсии онҳоро зиёд мегардонад.

Дипфейкҳо метавонанд барои таъсир расонидан ба шуур ва тафкураи одам истифода шаванд: масалан ин технология метавонад барои эҷоди видеоҳои иғвоангез бо изҳороти шадиди сиёсатмадорон ё паёми видеоии блогнависони маъруф истифода шавад, ки чунин видеоҳо ё дар ҷомеа резонансҳои зиёд ба вуҷуд меоранд ё ба сабти ном дар сомонаҳои гуногун барои иштирок дар тақсимкунии тӯҳфаҳо даъват менамоянд. Чунин вазъ дар ҳолати илова бар пахши чунин видеоҳо паҳн кардани истинод ба сомонаҳои фишингӣ махсусан хатарнок аст. Аммо роҳи маъмултарини истифодаи дипфейкҳо тамаъҷӯӣ аст – қаллобон метавонанд худро ҳамчун дӯст, ақрабо ва ё сардори шахс вонамуд намоянд ва маълумотхои шахсии ӯро ғорат кунанд. Чунин ҳол ба тавассути паёмҳои овозӣ ё видеоии қалбакиву сохта сурат мегирад, ки ҳамчун далели исботи шахсияти афроди вонамудшудаистода истифода бурда мешаванд.

2) Барномаҳои мушаххаснамоии чеҳра - шабакаҳои нейронӣ, ки хусусиятҳои беназири чеҳраи инсонро таҳлил мекунанд ва онҳоро бо аксҳои дигар дар махзани маълумотҳои гуногун муқоиса менамоянд.

Албатта, ҳар яки мо ҳадди ақкал як маротиба ҷустуҷӯи тасвирро дар браузер истифода бурдаем. Бо истифода аз алгоритмҳое, ки маълумоти калидӣ дар бораи шахсро аз аксаш ҷамъоварӣ мекунанд, шумо метавонед ҳисобҳои иҷтимоии ӯро пайдо кунед ва маълумоти шахсии ӯро истифода баред. Барои чунин ҷустуҷӯ бор кардани акси шахс кифоя аст ва барнома маълумотро дар бораи ӯ аз манбаъҳои кушод намоиш медиҳад. Бо шарофати чунин "портфолио"-и ҷабрдида қаллобон метавонанд ба осонӣ нақшаи мувофиқи фиребро таҳия кунанд, то маълумоти бештари шахсӣ ва сипас пулро ба даст оранд. Чӣ тавр худро аз қаллобоне, ки аз маълумоти биометрии ашхоси бегона истифода мебаранд, муҳофизат кардан мумкин аст?

• Барномаҳои мушаххаснамоии чеҳраро истифода набаред, зеро бо ин роҳ маълумоти шумо (акси чеҳра) ба махзани онҳо меафтад ва шумо ҳадафи осебпазири қаллобон мешавед;

| | |
|---|---|
| | • профилҳои шумо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд пӯшида бошанд, то барномаҳо ҳангоми таҳлил аксҳои шуморо пайдо накунанд;<br>• дар шабакаҳои иҷтимоӣ танҳо шахсони боэътимодеро илова кунед, ки шахсан онҳоро ҳамчун "дӯст" мешиносед;<br>• фиребгарон аксар вақт барои эҷоди дипфейкҳо аз манбаъҳои кушода истифода мебаранд. Агар шумо дастрасӣ ба аккаунтҳои худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳои фаврӣ маҳдуд кунед (махфиятро танзим кунед), он гоҳ эҳтимоли ҷамъоварии маълумоти кофӣ барои офаридана шахсияти қалбакии рақамии шумо камтар мегардад;<br>• танҳо маълумоти зарурироро интишор кунед ва боварӣ ҳосил намоед, ки дар саҳифаҳои дӯстону шиносонатон ҳадди аққали маълумоти шахсии шумо мавҷуд аст ё чунин маълумот тамоман вуҷуд надорад;<br>• тафсилоти лотереяҳо, озмунҳо ё чорабиниҳоро дар сомонаҳои расмии ширкат тафтиш намоед, ҳамчунин иттилоотро оиди гузаронида шудани озмун ё таҳфиф, ки аз номи афроди машҳур нашр гардидааст, дар саҳифаҳои воқеии чунин афрод пайгирӣ кунед. Шумо набояд ба истинодҳои номаълум пайравӣ кунед, ҳатто агар аксе, ки нашрияро ҳамроҳӣ мекунад, тасвири воқеии шахси машҳур аст;<br>• ҳушёр бошед - пеш аз андешидани ягон амал ҳамеша манбаъро пайдо кунед ё маводро таҳлил кунед. Фиребгарон кӯшиш мекунанд, ки шароити стрессро фароҳам оранд, то шуморо маҷбур созанд, ки фавран қарор қабул кунед. Ба чунин ҳилаҳо наафтед, ҳатто агар аз нигоҳи аввал ҳама чиз ба назар дуруст расад.<br><u>Супориш:</u><br>1. Проанализируйте ситуацию Мукаддас, изложенную на слайде №15.<br>2. Как вы думаете, можно ли было избежать потери денег?<br>3. Какие меры предосторожности могла бы предпринять Мукаддас, чтобы не стать жертвой мошенников? Сформулируйте последовательность своих действий в подобных ситуациях.<br><br>1. Вазъияти Муқаддасро, ки дар тасвири №15 оварда шудааст, таҳлил кунед.<br>2. Ба фикри шумо оё дар ҳолати зикршуда талафоти пулиро пешгирӣ кардан имконпазир буд?<br>3. Муқаддас барои пешгирӣ аз фиреб чӣ чораҳоро андешида метавонист? Нақшаи пайдарпайии амалҳои худро ҳангоми ба чунин ҳолат афтидан тартиб диҳед.<br><br><u>Предполагаемая модель ответа:</u><br>В первую очередь необходимо прекратить разговор и позвонить тому человеку, о котором идёт речь. Если дозвониться ему не удалось, нужно постараться связаться с другими людьми, которым может быть известно его местонахождение (коллеги, друзья, родственники) для уточнения информации.<br>Вероятнее всего, на данном этапе вы можете убедиться в том, что вас пытаются обмануть.<br>Несмотря на волнение за родственника или близкого человека, нужно понимать: если незнакомец звонит вам и требует привезти на некий адрес деньги – это мошенник.<br>Если вам позвонил якобы близкий родственник или знакомый и сообщил о том, что у него проблемы и ему грозит привлечение к уголовной ответственности, и он просит передать деньги сотруднику полиции, готовому урегулировать вопрос, нужно задать уточняющие вопросы: «Какая кличка у моей |

| | |
|---|---|
| | собаки» или «Когда и где мы виделись последний раз?», то есть необходимо задавать такие вопросы, ответы на которые знаете только вы оба.<br>Если вы разговариваете якобы с сотрудником полиции, уточните, из какого он отделения, после чего позвоните в дежурную часть данного отделения и поинтересуйтесь, действительно ли ваш родственник или знакомый доставлен именно туда.<br><br>Намунаи ҷавоби тавсияшаванда:<br>Пеш аз ҳама шумо бояд сӯҳбатро қатъ кунед ва ба шахси мавриди назар худатон занг занед. Агар ӯ бо телефон тамос гирифта натавонист, шумо бояд кӯшиш кунед, ки бо одамони дигар, ки дар куҷо будани ӯро медонанд (ҳамкорон, дӯстон, хешовандон) дар тамос шавед, то маълумотро равшан созед.<br>Эҳтимол дар ин марҳила шумо метавонед боварӣ ҳосил намоед, ки қаллобон кӯшиши фирефтани шуморо доранд.<br>Сарфи назар аз ҳаяҷон барои бехатарии хешовандон ё наздикон, шумо бояд фаҳмед: агар шахси ношинос ба шумо занг занад ва талаб кунад, ки ба суроғаи муайян пул оваред, чунин амал ба аз тарафи қаллобон содир шудани худ ишора менамояд.<br>Агар ба шумо як ақрабои гӯё наздик ё дӯст ва ё шиносе занг занад ва гӯяд, ки ӯ дар мушкилӣ қарор дорад ва хатари ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шудани вай мавҷуд аст ва аз шумо хоҳиш кунад, ки пулро ба корманди пулис интиқол диҳед, ки барои ҳалли масъала омода аст, шумо бояд саволҳои рӯшанкунанда диҳед: "Номи саги ман чист" ё "Мо бори охир кай ва дар куҷо вохӯрда будем?", яъне чунин саволҳоро додан лозим аст, ки ҷавоби онҳоро танҳо ба ҳардуи шумо аён мебошад.<br>Агар шумо гӯё бо корманди пулис сӯҳбат кунед, мушаххас намоед, ки ӯ аз кадом шӯъба аст, пас ба шӯъбаи навбатдории ин шӯъба занг занед ва бипурсед, ки оё хешу табор ва ё шиноси шуморо воқеан ба он ҷо бурдаанд? |
| ТАСВИРИ 16 | Фишинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ<br>Ин намуди қаллобӣ дар шаклҳои гуногун пайдо мешавад ва истифодаи васоити ахбори оммаи иҷтимоиро барои ғасб кардани аккаунтҳо ва сарҳисобҳои афрод, дуздидани маълумоти махфӣ аз қурбониён ё ҷалби онҳо ба сомонаҳои қалбакӣ бо мақсади даромад ба даст овардани қаллобон дар бар мегирад. Фиребгарон метавонанд аз номи шахсе, ки бо ҷабрдидаи эҳтимолӣ шинос аст, аккаунтҳои қалбакӣ эҷод кунанд, то онҳоро ба доми худ ҷалб кунанд ё ҳатто метавонанд худро аз номи ширкатҳои бузурги хидматрасонии муштариён муаррифӣ кунанд, то муштариёнеро, ки ба ширкат барои гирифтани кӯмак ва ё дастур муроҷиат мекунанд, ғорат намоянд.<br>Инчунин тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ қаллобон метавонанд пешниҳоди харидани молҳои гуногунро бо таҳфифҳои калон намоянд, лекин вақте ки шумо ба истинодҳои аз тарафи “фурӯшандагон” (қаллобон) пешниҳодшуда пайравӣ мекунед, шумо ба дом меафтед: молро намегиред ва пулро аз даст медиҳед.<br>Фишинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ то чӣ андоза хатарнок аст?<br>Бо шикастани аккаунти (ҳисоби) шумо ва дастрасӣ ба мукотибаи шумо, файлҳои ирсолшуда ва қабулшуда, номгӯи пайравон, қаллобон барои намудҳои гуногуни шантаж ва таҳдид, нашри иттилооти иғвоангез ва муҳандисии иҷтимоӣ имкониятҳои васеъ пайдо мекунанд: дар паси шахсияти |




ТАСВИРИ 17




ТАСВИРИ 18

шумо пинҳон шуда, қаллобон метавонад бо ҳар як пайрави шумо тамос гиранд. Аксар вақт чунин ирсолот шабона сурат мегирад, зеро қаллобон аксаран аз кишварҳои дигар кор мекунанд (ин раванди пайдо кардани қаллобон аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқро мушкил мекунад).

Намудҳои хатарноктарини фишинг:

1) Паёмҳо бо дархости қарзи нақд, овоздиҳӣ дар озмун, истинод ба "видеои хандаовар" аз яке аз дӯстонатон. Вақте ки шумо барои овоздиҳӣ ё барои тамошои "видеои хандаовар" ба саҳифаи сомонаи дигар мегузаред, аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки логин ва гузарвожаи худро дар саҳифаи шабеҳи саҳифаи воқеии шабакаи иҷтимоӣ ворид кунед ва пас аз он аккаунт рахна мешавад.

2) Интернет-мағозаҳо, кинотеатрҳо, хидматрасонии интиқол ва ғайра. Дар ин ҷо, ҳадаф маълумотест, ки дастрасӣ ба кортҳои бонкии муштариёнро фароҳам меорад. Тибқи таҳқиқоти Group-IB дар соли 2020 чунин хидматҳо ҳадафи 30,7 % ҳолатҳои ҳамлаҳои қаллобӣ буданд . Онҳое, ки маълумоти пардохтро дар мағозаҳои онлайн ворид мекунанд, инчунин зери хатар қарор доранд: агар шумо бидуни тафтиши суроға дар сатри браузер ба равзанаи вуруди маълумоти кортҳои бонкӣ барои пардохт ворид шавед, шумо хавфи фиристодани пул ба қаллобонро доред. Ғайр аз он, хидматҳое мавҷуданд, ки хатогии транзаксияро барои такрор кардани он тақлид мекунанд, масалан, ду маротиба пай дар пай анҷом додани транзаксия.

3) Бозӣ кардан бо эҳсосоти афрод тавассути интишори ҳикояҳои хеле мутаассир дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ дар бораи кӯдакон ё ҳайвоноти мӯҳтоҷ бо илова намудани аксҳо ва ҳуҷҷатҳо ба паём ва дархости "максимум репост" (ҳадди аксар паҳн намудани чунин паём). Муҳим он аст, ки табодул ва паҳншавии паём аз як шахс дар доираи занҷири дӯстон ва тамосҳои ӯ сурат гирад. Албатта музди чунин «хайрияи бардурӯғ» ба қаллобон меравад!

4) Бозӣ бо ҳисси кунҷковӣ. Шумо метавонед ба пешниҳодҳои ҷолиб дар паёмҳои хусусӣ ё дар каналҳои оммавӣ дучор оед. Дар ҳар сурат аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки истинодро пайгирӣ кунед ва маълумоти шахсӣ ё тафсилоти корти бонкиро ворид кунед.

Қоидаҳои асосии муҳофизат аз фишинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ:

- ✓ Ҳамин ки шумо фаҳмидед, ки маълумот ихроҷ гардидааст ё эҳтимолан аз ҷониби қаллобон дуздида шудааст, ҳарчӣ зудтар гузарвожаҳоро аз шабакаҳои иҷтимоӣ, почта ва хидматҳои пардохт иваз кунед. Ва умуман беҳтар аст, ки гузарвожаҳоро дар давоми ҳар се моҳ иваз кунед!
- ✓ Ҳеҷ гоҳ гузарвожаҳои якхеларо истифода набаред. Қоидаи "1 гузарвожа, 1 ҳисоб" барои қатъ кардани занҷири фишинг, ки ба тафтиш намудани мувофиқати логин ва гузарвожаҳои ғасбшуда ба дигар хидматҳои маъмул равон карда шудааст, кӯмак расонад. Имрӯзҳо қаллобон хидматҳои автоматиро истифода мебаранд, ки ба онҳо имкони ба кадом сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоиву хидматрасонӣ мувофиқ омадани гузарвожаҳо ва дигар маълумоти дуздидашударо фароҳам меоварад.
- ✓ Эҳтиёт бошед. Ҳангоми ворид кардани логин, гузарвожа ва маълумот ҳангоми пардохт аз шитобкорӣ худдорӣ намоед. Сатри суроғаро санҷед, ба унсурҳои тарроҳӣ назар кунед. Агар чизе шубҳанок бошад, шумо набояд маълумотро ворид кунед!




ТАСВИРИ 19




- ✓ Истифодаи аутентификатсияи дуомила. Агар логин ва гузарвожаи шумо ба дасти қаллобон афтад, онҳо чунин маълумотро бидуни дохилкунии маълумоти иловагӣ, ки ба шакли рамз ба телефон ё ягон барнома ва ё дастгоҳи дигари шумо меояд, истифода бурда наметавонанд.
- ✓ Ба пешниҳодҳо ва истинодҳои шубҳанок бовар накунед. Истиноде, ки тавассути хидмати URL-и кӯтоҳ пинҳон шудааст, ба монанди bit.ly метавонад ба қаллобон тааллуқ дошта бошад. Агар услуби паёмҳо ё тарзи муошират дӯсти шумо дар чат тағйир ёфта бошад, чунин ҳолат бояд шуморо барои ба дӯстатон занг задан водор намояд, то шумо боварӣ ҳосил намоед, ки худи ӯ ба шумо менависад.

<u>Супориш:</u>

1. Маълумоти дар тасвири № 17 овардашударо хонед ва ба саволҳо посух диҳед.
2. Оё шумо ба ягон намуди фишинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омадаем? Агар шумо ба чунин ҳолат дучор гашта бошед, оё шумо қаллобиро шинохта тавониста будед ё дар бораи қаллобии эҳтимолӣ фикр накардед?
3. Якҷоя бо ҳамсинфон 1-2 қоида тартиб диҳед, ки ба шумо дар муайян кардани ҳар яке аз ин намуди фишинг кӯмак мекунанд ва барои ба қурбонии қаллобон мубаддал нашудан ёрӣ мерасонанд.

Қоидаҳои пешниҳодшуда (ҷавобҳои эҳтимолии донишҷӯён):
1. Дархости дӯстон барои кӯмаки пулӣ:
- бо дӯстатон тамос кунед ва пурсед, ки оё воқеан ӯ ба пул эҳтиёҷ дорад;
- ҳеҷ гоҳ пулро ба рақамҳои номаълум бе тасдиқи дӯстатон интиқол надиҳед;
- санҷед, ки оё дар саҳифаи дӯсти шумо дигар амали шубҳанок мавҷуд аст?
2. Хайрияи бардурӯғ:
Ҳангоми интиқоли маблағ ба хайрия, шумо бояд ба инҳо диққат диҳед:
- чанд вақт мавҷуд будани саҳифа;
- сифат ва миқдори мундариҷа;
- фишори аз ҳад зиёд ба раҳм;
- интиқоли маблағ ба корти шахсӣ;
- таъхирнопазирии ҷамъоварӣ;
- тарзи посух ба саволҳои мушаххаскунанда;
- мавҷудияти истинод ба сомонаи фонди хайрия (тафтиши ҳақиқӣ будани истинод).
3. Видеоҳои хандаовар, хабарҳои диққатҷалбкунанда ва дигар паёмҳое, ки пахш кардани истинодҳои беруниро талаб менамоянд:
- танзимоти махфиятро тавре танзим кунед, ки танҳо дӯстони шумо ба шумо паём фиристода тавонанд;
- агар шумо аз як дӯстатон чунин паём гирифта бошед, ба ӯ тавассути телефон занг занед ва боварӣ ҳосил кунед, ки саҳифааш рахна нашудааст;
- истинодҳои шубҳанокро пахш накунед;
- ҳангоми пайваст шудан ба шабакаи иҷтимоӣ дурустии суроғаи саҳифаро санҷед;
- ба сарлавҳаҳои баланд ва фарёдзананда дар хабарҳо эътибор надиҳед;

<table>
<tr>
<td></td>
<td>- ба суроғаи саҳифае, ки меравед, аҳамият диҳед.<br>4. Вазъияти дар тасвири № 18 овардашударо омӯзед. Кадоме аз қоидаҳое, ки шумо қаблан таҳия кардаед, ба ин вазъият дахл доранд ва метавонанд рух додани қаллобиро пешгирӣ кунанд?<br>5. Тасвири № 19: кор бо саволҳои санҷишӣ «Оё ман аз фишинг муҳофизат карда шудаам?». Аҳамият диҳед, ки чӣ қадар қоидаҳои зидди фишингро шумо мунтазам риоя мекунед.</td>
</tr>
<tr>
<td>ТАСВИРИ 20<br><br></td>
<td>Аккаунтҳои (ҳисобҳои) қалбакӣ: чаро онҳо хатарноканд ва чӣ гуна онҳоро шинохтан мумкин аст?<br>Профили қалбакӣ дар шабакаи иҷтимоӣ яке аз роҳҳои ба даст овардани маълумоти шахсӣ ва пули муштариён мебошад.<br>Саҳифаҳои қалбакӣ метавонанд бо сабабҳои гуногун сохта шаванд.<br>1. Яке аз сабабҳои беозортарини офаридани аккаунти қалбакӣ дар ҳолате сурат мегирад, ки фард бо сабабҳои шахсӣ намехоҳад ҳузури худро дар шабакаи иҷтимоӣ ошкор кунад. Насаб ва ном одатан бофта мебошанд, ба ҷойи акси молики саҳифа суратҳои гуногун, аз ҷумла акси ҳайвонот, манзараҳои табиат ва ё ашхоси маъмул истифода бурда мешавад. Миқдори дӯстон ва пайравони соҳиба саҳифа кам аст ва ё комилан вуҷуд надорад.<br>2. Сомонаҳои дӯкону мағозаҳои онлайн, ки молҳои маъмул ва ё ёфтан душворро бо нархи хеле паст пешниҳод мекунанд ва одатан пеш аз фиристодани мол пардохти маблағи пурраро талаб менамоянд. Ва ҳатто агар шумо дар лаҳзаи охир аз амалӣ намудани пешпардохт худдорӣ карда бошед ҳам, шумо эҳтимол маълумоти худро оид ба кадом шахс ва суроға интиқол кардани мол ба қаллобон фиристодаед. Онҳо ҳатто барои ба даст овардани чунин маълумоти ночиз ҳам омодаанд ва роҳи бо кадом усул ва чӣ хел истифода бурдани маълумоти гирифташударо ҳатман меёбанд.<br>Чӣ бояд кард:<br>• тафтиш кардани маълумот оиди тахфиф ва дигар пешниҳодҳои ҷолиб дар сомонаҳои расмии мағозаҳо;<br>• дар хотир доред, ки ирсол карда шудани хабар оиди таҷлили лотерея ва озмунҳо аз тарафи мағозаҳои калон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба гумон аст, барои ин онҳо хабардиҳӣ ба воситаи паёмакҳои SMS ё почтаи электрониро бештар истифода мебаранд;<br>• шумо бояд эҳтиёт бошед, агар аз шумо хоҳиш карда шавад, ки ба шумораи зиёди дӯстон дар бораи тахфиф ё пешниҳоди дигар хабар диҳед - ин як роҳи маъмулии паҳн кардани истинодҳои қаллобон аст.<br>3. Аккаунти (ҳисоби) рахнашудаи шахси воқеӣ. Аз чунин профилҳо паёмҳои спам (маълумоти бештар мамнӯъ ё истинодҳои шубҳанок) ё таҷовузкорона ва таҳқиромез омада метавонанд, ки барои водор кардани шумо барои муайян намудани шахсияти чунин одам равона карда шудаанд. Аксаран қаллобон интизоранд, ки бо ин сабаб шумо ба саҳифаи онҳо ворид шавед ва эҳтимолан ба истиноди дар он ҷо ҷойгиршуда пайравӣ (аксаран ягонаи) намоед. Аммо одатан қаллобон ба ҳамаи дӯстони шахс мактуб бо дархости расонидани кӯмаки молиявӣ (хоҳиши фавран фиристодани пул бо ваъдаи баргардонидани маблағ дар рӯзи оянда) мефиристанд. Агар ба шумо ногаҳон аз дӯстон бо чунин дархостҳо паём ояд, эҳтимолияти бузурги амали қаллобӣ будани чунин ҳолат вуҷуд дорад. Барои он ки фирефта нашавед, ба дӯст ва ё шиносатон занг занед ва боварӣ ҳосил кунед, ки паём бевосита аз тарафи ӯ навишта шудааст.<br>Чӣ бояд кард:</td>
</tr>
</table>

| | |
|---|---|
| | • ба паёмҳои манфӣ эътибор надиҳед ва таваҷҷӯҳ зоҳир нанамоед: танҳо ирсолкунандаро маҳкам кунед ва паёмро нобуд созед;<br>• аз саҳифаҳои муштариёне, ки шумо намешиносед, ба ҳеҷ кадом сомона ва ё саҳифа нагузаред, бахусус агар ягона имконияти дастрас дар онҳо пахш кардани истиноди пешниҳодшуда бошад;<br>• ҳама саҳифаҳоеро, ки дар он шумо маълумоти шахсиро ворид мекунед, бодиққат тафтиш намоед: ба номи домен, протоколи https ва тасвири қулф нигаред;<br>• дар ҳама шабакаҳои иҷтимоӣ, то ҳадди имкон аутентификатсияи дуомиларо истифода баред (ниг. Ёддошт);<br>• дар танзимоти махфият ба шахсони ношинос гузоштани шарҳҳоро манъ кунед ва нашрияҳои худро аз онҳо пинҳон намоед, то аз спам ва таҳқир канорагирӣ кунед.<br>4. Офаридани профили шахси машҳур - ҳофизи дӯстдоштаатон ногаҳон маъракаи пулҷамъкунӣ барои кӯмак ба афроди эҳтиёҷманд ва ё озмун барои гирифтани тӯҳфа эълон кард.<br>Чӣ бояд кард:<br>• санҷед, ки оё саҳифаи шахси машҳуре, ки шумо мехоҳед бо ӯ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сӯҳбат кунед, тасдиқ карда шудааст ё на - профилҳои боэътимод бо аломати кабуд (галочка) қайд карда мешаванд;<br>• санаи таъсиси профил ва ҳама навиштаҳоро санҷед, агар аксҳо ду рӯз пеш бор карда шуда бошанд, эҳтимол муаллифи саҳифа қаллобон бошанд; шумо метавонед бо истифода аз функсияи "ҷустуҷӯи тасвирҳо" дар системаҳои ҷустуҷӯии Интернет асолати аксро муайян кунед;<br>• санҷидани таркиби иттилооти дар саҳифа ҷойгиршуда: истинодҳои шубҳанок ё иборaҳои қабеҳ сабаби дӯстӣ накардан бо чунин саҳифаи оммавӣ мебошанд;<br>• фаъолиятро таҳлил кунед: шарҳҳоро хонед ва канал ва суръати пур кардани онро омӯзед - профилҳои қалбакӣ зуд ва бо шарҳҳои якранг пур карда мешаванд ва инчунин ба ҳамаи муштариён бепарвоёна пайравӣ мекунанд. |
| ТАСВИРИ 21 | Амнияти молиявӣ дар бозиҳои онлайнӣ<br>Бозиҳои компютерӣ кайҳо боз як чизи ғайриоддӣ ва пурасрорро буданро бас кардаанд ва онҳоро шумораи зиёди одамон дар саросари ҷаҳон бозӣ мекунанд. Мувофиқи маълумоти Microsoft, шумораи умумии муштариёни бозиҳои видеоӣ беш аз се миллиард нафарро ташкил медиҳад .<br>Бо рушди Интернет як навъи алоҳидаи бозиҳои компютерӣ пайдо шуд, ки онҳоро на танҳо ба таври маҳдуд дар компютери худ ё бо шарики дар наздатон будаатон, балки бо ҳазорон ва даҳҳо ҳазор бозингарон аз тамоми ҷаҳон якҷоя бозӣ кардан мумкин аст.<br>Афзоиши шумораи бозингарон дар бозиҳои онлайнӣ боиси афзоиши таҳдидҳо мегардад, зеро қаллобон кӯшиш мекунанд, ки аз вазъияти кунунӣ бештар истифода баранд. Бозиҳои онлайнӣ на танҳо асъори бозӣ ва ашёи ба бозӣ марбут, балки пули ҳақиқиро ҳам нигоҳ медоранд - ҳамаи ин ба ба вуқӯъ омадани таваҷҷӯҳи хосаи қаллобон сабаб мегардад.<br>Хатарҳои асосӣ дар бозиҳои онлайнӣ<br>1) Ғорати маълумоти шахсӣ як намуди маъмултарини қаллобӣ дар бозиҳои онлайнӣ мебошад.<br>2) Ғорати пул: асъори бозӣ, ашёҳои бозӣ ва пули ҳақиқӣ дар ҳамёни виртуалӣ ҳадафи асосии қаллобон мебошанд. Коршиносон ҳушдор медиҳанд, ки барои бозингар хатари қаллобӣ ҳангоми кушодани |




ТАСВИРИ 22




ТАСВИРИ 23




ТАСВИРИ 24

суратҳисоб барои пардохт баландтар аст, ки бе он аксар вақт бисёр бозиҳо умуман "кор намекунанд". 48 % ҳолатҳои қаллобӣ дар вақти пардохт рух медиҳанд.

3) Дуздии аккаунт (суратҳисоб): бо дуздидани суратҳисоб қаллобон бозингарро шантаж мекунанд ва барои баргардонидан ҳисоб пул талаб мекунанд.

4) Барномаҳо ва замимаҳои браузерии зараровар. Масалан, аз муштарӣ хоҳиш карда мешавад, ки плагинро барои бозӣ зеркашӣ кунад. Вай аз ин ҳила бехабар аз истинод ба сомонаи дигаре, ки барномаи зараровар дорад, пайравӣ мекунад. Ҳадафи чунин барнома расонидани зарар ба амният ва махфияти дастгоҳи муштарӣ аст. Илова бар ин дар файлҳои бозӣ вирусҳоро ҷойгир кардан мумкин аст ва истифодабаранда бидуни огоҳӣ метавонад ҳангоми насб онҳоро ба системаи худ ворид кунад.

5) Вайрон кардани дахолатнопазирӣ. Бо муқоиса намудани маълумоте, ки аз бозиҳо ва дигар манбаъҳо гирифта шудаанд, ҳамлагарон метавонанд ба дигар ҳисобҳои шумо, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ дастрасӣ пайдо кунанд, инчунин бо номи шумо ҳисобҳои навро сабт намоянд ва ё ҳатто шахсиятҳои рақамиро эҷод кунанд.

6) Пардохтҳои пинҳонӣ. Баъзе бозиҳои онлайнӣ дар версияи шартан ройгон бароварда мешаванд: дастрасӣ ба як қисми бозӣ ройгон пешниҳод карда мешаванд, аммо шумо бояд барои дастрасӣ ба ҳамаи хусусиятҳо ва функсияҳо пардохт амалӣ намоед. Барои ин шумо бояд корти бонкиро ба суратҳисоби худ пайваст кунед ва ҳангоми харидани ашё ё хидматҳои нав пардохт ба таври худкор аз корт тарҳ карда мешавад.

Супориш:

1. Тасвири №24: Матни тасвири № 25-ро хонед. Ҳодисаи Акрамро таҳлил намоед.
2. Баъд чӣ шуд? Дар асоси дониши шумо дар бораи намудҳои эҳтимолии қаллобӣ дар бозиҳои онлайнӣ кӯшиши пешгӯйии ҳодисаҳои минбаъд рух дода дар вазъияти зикргардида кунед.
3. Аз ин вазъият чи гуна хулоса баровардан мумкин аст?

Акрам, 20 сола:

"Вақте ки ман мактабхон будам, дар «Counter-Strike: Source» як сервер пайдо кардам, ки дар он ҷо як мард дар зери ниқоби Одами оҳанӣ буд. Вақте ки ӯ мемурд, регдолли ӯ садоҳои металлии хунукро зоҳир мекард, ки маро мутаассир менамуд ва ба ҳайрат меовард. Ман дар чати умумӣ пурсидам, ки чӣ гуна чунин ниқобро ба даст овардан мумкин аст ва администратори сервер ҷавоб дод, ки чунин намуна танҳо барои администраторҳо дастрас аст, аммо ба ман аз бемузд истифода бурдани он имкон дод.
Вай ниқобро барои ман дар сервер фаъол кард ва ҳама чиз хуб кор мекард, аммо баъд ӯ навишт, ки намунаро (ниқобро) бояд дар Steam фаъол кард, то он нопадид нагардад. Бо хоҳиши ӯ ман TeamViewer-ро насб кардам ва ба компютери худ ба ӯ ҳуқуқи дастрасӣ додам. Вай ба компютери ман пайваст шуд, бевосита дар мизи кории ман барномаи Блокнотро (дафтарак) кушод ва дар он ҷо чӣ кор карданам лозим буданашро навишт.

Намунаи ҷавоби эҳтимолӣ:

<table>
<tr>
<td>


ТАСВИРИ 25


</td>
<td>
Бо истифода аз дастрасии бемамоният ба компютер қаллоб ба ҳисоби бозии Акрам ворид шуда, гӯё ниқобро фаъол кардааст. Дар натиҷаи роҳ ёфтани қаллоб ба тамоми маълумот ва гузарвожаву рамзҳои шахсӣ, Акрам ҳисоби Steam-и худро аз даст дод.<br>
Хулоса аз вазъият:<br>
Насб кардани барномаҳои берунӣ ва хусусан интиқол намудани идоракунии компютер ба шахсони бегона бо хатари калон алоқаманд аст.<br>
Шумо набояд ба бегонагон логин ва пароли ҳисоби бозии худро бигӯед, ҳатто агар онҳо кӯмак / маслиҳат / ашёи бозӣ пешниҳод кунанд / ваъда диҳанд, ки як хусусияти олӣ насб мекунанд ё мушкилоти ҷиддиро ҳал менамоянд, зеро ки қаллобон аксаран худро ҳамчун намояндагони хидмати дастгирии техникии сомона муаррифӣ мекунанд.
</td>
</tr>
<tr>
<td>
ТАСВИРИ 26
</td>
<td>
Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар соҳаи молиявӣ бидуни муайян кардани мафҳуми «ҳуқуқи инсон» дуруст баррасӣ кардан имконнопазир аст. Онҳо ҳуқуқу озидоҳои гуногун, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт ва озодӣ, озодӣ аз ғуломӣ ва шиканҷа, озодии ақида ва баёни озоди ақидаҳо, ҳуқуқ ба меҳнат, таҳсил ва ғайраро фаро мегиранд. Аз ин ҳуқуқҳо бояд ҳама одамон, новобаста аз ҷинс, синну сол, нажод, мансубияти этникӣ, динӣ ва ғайра, бидуни истисно баҳраманд бошанд .<br>
Номгӯи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар Эъломияи ҳуқуқи башар, ки соли 1948 қабул шуда буд, муқаррар карда шуда, баъдан дигар ҳуҷҷатҳо таҳия карда шуданд, ки номгӯи ҳуқуқҳои инсонро дар соҳаҳои гуногун васеъ ва мушаххас гардонидаанд.<br>
Бисёре аз ҳуқуқҳои инсон, ки дар боло зикр шудаанд, мустақиман ба соҳаи молиявӣ иртибот надоранд, аммо аз ин рӯ ба хулосаи номумкин будани поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ин самт омадан, иштибоҳ хоҳад буд. Омилҳое, ки бевосита ба ҳуқуқи инсон дар бахши молиявӣ таҳдид мекунанд, инҳоянд :
</td>
</tr>
</table>




ТАСВИРИ 27




1. Табъиз дар амалиёти қарздиҳӣ: қарздиҳӣ новобаста аз ҳаҷм ва мӯҳлати қарз метавонад ба ҳуқуқи инсон таъсир расонад. Масалан имконияти инсон барои дастрас намудани қарз дар асоси нажод, мансубияти динӣ ё мазҳабии қарзгирнада метавонад маҳдуд карда шавад, таҳияи санҷишҳои кредитии автоматӣ бошад имкон медиҳад, ки чунин амалиёт пинҳон карда шавад.
2. Набудани нуқтаи назари холисона нисбат ба муштарӣ: тамоми муассисаҳои молиявӣ бояд пеш аз додани қарз маҷмӯи пурраи тафтишотҳоро анҷом диҳанд. Риоя накардани ин ғоя ва додани қарз бидуни тафтиш метавонад боиси нақзи ҷиддии ҳуқуқи инсон гардад.
3. Набудани нуқтаи назари объективӣ ва маълумоти амиқ оиди бахше, ки дар он сармоягузорӣ карда мешавад: ташкилотҳои молиявӣ ҳангоми молиягузорӣ эҳтимолияти вуҷуд доштани хавфи вайрон карда шудани ҳуқуқи инсонро ба назар гиранд.
4. Махфияти маълумоти муштарӣ ва кормандон: ҳифзи заифи ин навъи иттилоот метавонад боиси поймол шудани ҳуқуқи инсон гардад, хусусан агар маълумот дар бораи ҷанбаҳои муҳими вазъи молиявии шахс дастраси шахсони сеюм гардад. Барои муассисаҳои молиявӣ муҳим аст, ки ҳифзи маълумотро таъмин намоянд, то чунин ҳолатҳо рух надиҳанд ва инчунин салоҳияти кормандонро дар соҳаи ҳифзи иттилоот баланд бардоранд.
5. Баробарӣ дар музди меҳнат: ташкилотҳои бахши молиявӣ (мисли ҳама гуна соҳаҳо) бояд дар асоси баҳодиҳии фаъолияти корманд, сифатҳои касбии ӯ музди одилонаро таъмин кунанд, на дар асоси сифатҳои дигар. Дар акси ҳол, яке аз асосҳои консепсияи ҳуқуқи инсон – ғояи баробарҳуқуқии умум поймол мешавад.
Тадбирҳо оиди ҳифзи ҳуқуққҳои инсон дар бахши молиявӣ метавонанд ба минбаъда (кор дар бораи қаллобии аллакай содиршуда, масалан, дар асоси шикоятҳои ҷабрдидагон) ва пешгирикунанда (вақте ки вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқи инсон пеш аз расонидани зарар ва содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ муайян карда шаванд) тақсим карда мешаванд.
Бонки марказӣ дар ҳарду самти номбурда фаъолият пеш мебарад. Шумо метавонед бо он тамос гирифта хабар диҳед, ки ташкилоти молиявӣ ҳуқуқи инсонро дар бахши молия поймол мекунад.Бонки марказӣ ба муносибатҳои шартномавии байни ташкилот ва муштарӣ дахолат намекунад, вале метавонад бо ташаббуси огоз намудани тафтишоти фаъолияти ширкатро амал намояд ва дар сурати ошкор шудани ҳуқуқвайронкуниҳо чораҳои зарурӣ андешад. Бонки Марказӣ оиди мурочиат ва шикоятҳо аз болои фаъолияти ташкилотҳои гуногун назорат мебарад ва омори расмӣ тартиб медиҳад. Зиёда аз нисфи шикоятҳо дар бораи вайронкунии ҳуқуқи инсон дар бахши молия ба ташкилотҳои қарзӣ рост меояд.
Мақомотҳои зиддиинҳисориро низ метавон ба созмонҳое рабт дод, ки ҳуқуқи инсонро дар бахши молия ҳимоят мекунанд. Яке аз вазифаҳои асосии он таъмини рақобат дар бозори хизматрасонии молиявӣ мебошад.
Дар баробари ин мақомоти зиддиинҳисорӣ аз болои риоя шудани қонунгузорӣ дар соҳаи реклама назорат мебаранд. Самтҳои фаъолияти макомотҳои зиддиинҳисори дар бахши таъминоти амнияти молиявӣ:
- пешгирӣ ва рафъ кардани рекламаҳое, ки метавонанд истифодабарандаро гумроҳ кунанд ва ё ба саломатии онҳо зарар расонанд;

<table>
<tr>
<td></td>
<td>- ҳимоя аз рақобати бевиҷдонона;<br>- ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои фаъолияти рекламавӣ барои вайрон кардани қонун;<br>- ҳамкорӣ бо мақомоти танзимкунандаи фаъолияти реклавамавӣ.<br>Ҳангоми сухан рондан оиди ташкилотҳое, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро ҳифз мекунанд, фаъолияти шӯъбаҳои корҳои дохилӣ ва милитсияро кайд накардан номумкин аст. Онхо ба тафтиши ҷиноятҳои содиршуда машғул буда, вазифадоранд, ки муроҷиати шаҳрвандонро новобаста аз маҳал ва вақти содир шудани ҷиноят ва пурра будани маълумот оиди он қабул кунанд. Дар изҳорот бояд моҳияти ҳодисаи рухдода, сана, вақт ва макони ҳодисаи рухдода нишон дода шавад. Инчунин маълумот оиди ҳаҷми зарари расонидашуда зарур аст. Пас аз пешниҳоди ариза шумо бояд дар бораи қабули он аз тарафи кормандони шӯъбаи корҳои дохилӣ огоҳинома гиред. Қарор дар бораи тақдири минбаъдаи ариза бояд дар давоми мудати аз тарафи қонунгузорӣ муайян гардида қабул карда шавад. Агар шумо натиҷаи баррасии аризаи супоридаатонро баъд аз гузаштани муҳлати баррасӣ пайдо карда натавонед, метавонед ба сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ муроҷиат намоед. Дар ҳолати натиҷа надодани чунин чора шумо метавонед ба прокуратура мурҷиат намоед.</td>
</tr>
<tr>
<td>ТАСВИРИ 28<br>
</td>
<td><u>Ҷамъбаст кардани дарс.</u><br><u>Супориш:</u><br>1. Ба саволҳои дар тасвири №28 овардашуда ҷавоб диҳед.<br><u>Ҷавобҳо:</u><br>1 – a), b), c), e); 2 – a), c);<br>2. Ҳалли супоришҳои тестӣ (ниг. ба замимаи №3 ба тавсияҳои методӣ)<br><u>Ҷавобҳо:</u><br>1 – a)<br>2 – b<br>3 – c<br>4 – b<br>5 – b<br>6 – c<br>7 – b<br>8 – a b c<br>9 – a d</td>
</tr>
<tr>
<td>ТАСВИРИ 29</td>
<td>Шиносоии толибилмон бо имкони иштирок дар Олимпиадаи байналмилалии амнияти молиявӣ.</td>
</tr>
</table>




ТАСВИРИ 30




ТАСВИРИ 31




ТАСВИРИ 32

| | |
|---|---|
|  32<br>Шуморо ба иштирок кардан даъват менамоем:<br>муҳассиллони муассисаҳои таҳсилотии Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ўзбекистон, Арманистон, Бразилия, Ҳиндустон, Чин, Африқои Ҷанубӣ, Русия, Эрон, Покистон, Намибия<br>RUDN university<br>МУМЦФМ<br>Минпросвещения России<br>Минобрнауки России<br>Росфинмониторинг<br>Маълумоти муфассал:<br>www.fedsfm.ru - Росфинмониторинг<br>www.mumcfm.ru - МУМЦФМ<br>www.rudn.ru - РУДН<br>rosfinolymp.ru - сомонаи Олимпиада<br>Почтаи электронӣ: | |